# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 16.04.2026, №3

Барои сазовор донистани Анҷум Маҳмуд Аҳмад, шаҳрванди Ҷумҳурии исломии Покистон, ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ).

Диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) аз 6-уми феврали соли 2026, протоколи №4 ба ҳимоя қабул гардида, дар асоси фармоиши раиси Комиссия аз 1-уми апрели соли 2026, №129/ҳя ваколати баргузор намудани ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон вогузор шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Анҷум Маҳмуд Аҳмад 27-уми марти соли 1981 дар шаҳри Кунрии Ҷумҳурии исломии Покистон ба дунё омадааст. Соли 2015 зинаи бакалаври факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси журналисти байналхалқӣ хатм кардааст. Соли 2017 шуъбаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси рӯзноманигории байналхалқӣ хатм намуда, солҳои 2017-2020 дар шуъбаи докторантураи PhD ва солҳои 2021-2024 ба сифати муҳаққиқ-коромӯзи кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи донишгоҳи мазкур фаъолияти таҳқиқиашро идома додааст. Аз моҳи сентябри соли 2025 дар Мактаби байналмилалии президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси омӯзгор фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Гулов Сангин Нурович.**

**Муқарризони расмӣ**: **Муллоев Шариф Боқиевич –** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» ва **Ҳакимзода Раҳим Карим** – номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири идораи барномаҳои иттилоотии «Телевизиони Душанбе» ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Галимова Моҳинур, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Муъминҷонов Зулфиддин, котиби илмии ҷаласа – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ, муаллими калони кафедра Мулоева Нишона имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Назарзода Маҳмуд Мирзо тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи рӯзноманигорӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок мекунанд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф намудаанд, ки мазмуну мӯҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола (1 мақола бо ҳаммуаллифии роҳбари илмӣ) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи мавзуъ собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Анҷум, М. Таъсис ва ташаккули шабакаи «Мавҷи Олмон» / М. Анҷум // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №3. – С. 282-285.

[2-М]. Анҷум, М. Мавзуъ ва мундариҷаи барномаҳои «Мавҷи Олмон» / М. Анҷум // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №5. – С. 327-330.

[3-М]. Гулов, С.Н., Анҷум, М. Фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон» / С.Н. Гулов, М. Анҷум // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 2. – С. 247-253.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[4-М]. Анҷум, М. Назаре ба барномаҳои «Мавҷи Олмон» / М. Анҷум // Журналистикаи байналхалқӣ – 10 (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2019. – №10. – С. 173-175.

[5-М]. Анҷум, М. Махсусияти барномаҳои телевизиони «Мавҷи Олмон» [Матн] / М. Анҷум // Журналистикаи байналхалқӣ – XI (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2019. – №11. – С. 59-61.

[6-М]. Anjum, M.A. Rewiew of european media and Central Asia // Proceedings of the 8-th International Scientific and Practaical Conference, Scientific Research in XX1 Century (Ottawa, 06-08.03.2021) (Баррасии расонаҳои аврупоӣ ва Осиёи Марказӣ // Маводди конфронси 8-уми байналмилалии илмӣ ва амалии «Тадқиқоти илмӣ дар асри XX1» (Оттава, 06-08.03.2021)) / M. Anjum // Scientific Collection «INTERCONF», 2021. – №44. – С. 332-335.

[7-М]. Anjum, M.A. Features of DW tv programs // Proceedings of the 3rd International Scientific and Practical Conference Scientific Community:

Interdisciplinary Research (Hamburg, Germany 16-18.03.2021) (Хусусиятҳои барномаҳои телевизионии «Мавҷи Олмон» // Маводди конфронси 3-юми байналмилалии илмӣ-амалии «Тадқиқоти байнисоҳавӣ» (Гамбург, 16-18.03.2021)) / M. Anjum // Scientific Collection «INTERCONF», 2021. – №45. – С. 190-194.

[8-M]. Anjum, M.A., Gulov, S. Activity of International Media in Tajikistan // Proceedings of the 7th International Scientific and Practical Conference (Umea, 19-20.04.2024) (Фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон) // Маводди конфронси 7-уми байналмилалии илмӣ-амалӣ (Умеа, 19-20.04.2024)) / M. Anjum // Scientific Collection «INTERCONF», 2024. – №44. – С. 231-241.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи иттилоот ва технологияҳои робитавии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», дотсент **Бобоҷонова Мутриба Султоновна** мусбат буда, дар он эродҳои зерин манзур шудаанд:

1. Тақвияти таҳлили муқоисавии фаъолияти «Мавҷи Олмон» бо дигар расонаҳои байналмилалӣ, аз қабили BBC, RFE/RL, France 24 ва  Voice of America арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам афзун намуда, барои шинохти ҷойгоҳ ва вижагиҳои хосси «Мавҷи Олмон» дар низоми расонаҳои байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад

2. Дар автореферат ғалатҳои имлоиву техникӣ низ ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

**2. Такризи** номзади илмҳои филологӣ, муовини сармуҳаррири Нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор»  **Охунзода Насриддин** низ мусбат буда, дар он чунин эрод оварда шудаанд:

1. Боби якум бештар чанбаи маълумотӣ касб кардааст. Агар ҳангоми пешниҳоди мавод аз усулҳои таҳлилӣ ва қиёсӣ васеътар истифода бурда мешуд, сатҳи илмии диссертатсия боз ҳам баландтар мегардид.

2. Ҳангоми такияи автореферат беҳтар мебуд, ки таносуби ҳаҷми фаслхо ба назар гирифта шавад. Масалан, фасли аввали боби дуюм нисбат ба дигар фаслҳо кӯтоҳтар ба назар мерасад.

3. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд (аз ҷумла, дар саҳифаҳои 7, 8, 10, 12, 16, 19).

**3. Дар тақризи** номзади илмҳои филологӣ, муовини раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Рустамзода Дилафрӯз** дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъкид гардида, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

1. Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки расонаҳои русӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ мақоми хосса доранд, аммо зимни таҳқиқи фасли аввал ба расонаҳои байналмилалии Русия камтар таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст.

2. Дар зикри номи расонаҳо шакли ягона риоя нашудааст. Масалан, дар саҳифаи 31 Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» ҳам ба шакли АМИТ «Ховар» ва ҳам дар шакли «Ховар» оварда шудааст. Ҳамчунин, номи ширкати BBC дар ду шакл: Би-Би-Си ва BBC навишта шудааст.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид карда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси **6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ)** сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- диссертант Анҷум Маҳмуд Аҳмад бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти рӯзноманигорӣ дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» фаъолияти расонаҳои байналмилалиро ба таҳқиқ гирифта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- омилҳои пайдоиш ва мақсаду вазифаҳои расонаҳои байналмилалӣ **омӯхта шудааст;**
- оид ба заминаҳои зуҳури расонаҳои байналмилалӣ ва таърихи таъсиси онҳо маълумоти мушаххас **пешниҳод гардидааст**;
- нақши расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотӣ таъин гардида, таъсири онҳо ба мафкураи ҷомеа **таҳқиқу баррасӣ гардидааст**;
- махсусиятҳои барномасозиҳои ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» **мушаххас шудааст**;
- аз тарафи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон ва дигар расонаҳои байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи иттилоъ истифода шудани матлабҳои ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» **исбот карда шудааст.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** диссертатсия то андозае донишҳои назариро дар самти журналистикаи байналхалқӣ тақвият

бахшида, барои таълими фанҳои тахассусии ин соҳа, аз ҷумла таърихи журналистикаи хориҷӣ, таърихи расонаҳои байналмилалӣ, фазо ва амнияти иттилоотӣ, курсҳои махсус, дарсҳои интихобӣ ва таълифи китобҳои дарсию дастуру васоити таълимӣ мусоидат менамояд. Ҳамчунин, диссертатсияи мазкур барои таҳқиқоти минбаъда замина шуда метавонад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ ва таҳқиқи масъалаҳои ҷудогона таҷриба ва дастовардҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, И. Усмонов, М. Имомзода, М. Муродӣ, М. Муқимов, Ҷ. Саъдуллоев, А. Азимов, Ш. Б. Муллоев, З. Муъминҷонов, З. Сайидзода, С. Хоҷазод, Б. Ҳошимзода (А. Қутбиддинов), С. Гулов, С. Мирзоалӣ, И. Ҳамидиён, З. Эшматов, Х. Сафаров, М. Сафарзода, Н.А. Бруснитсин, В.В. Ворошилов, Э.П. Прохоров, Ф. Эвершор ва дигарон ҳамчун маводи назарӣ **омӯхта ва истифода шудаанд.**

Дар диссертатсия **усулҳои** таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлилӣ-муқоисавӣ, таҳлили анъанавӣ ва контентӣ (муҳтавоӣ) истифода шудаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** ин таҳқиқи илмӣ ва маводди ҷамъовардашуда метавонад ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, таълиму тадриси курсҳои махсус доир ба таърихи журналистикаи хориҷӣ, таърихи расонаҳои байналмилалӣ, фазо ва амнияти иттилоотӣ, агентиҳои иттилоотӣ, журналистика ва муборизаҳои иттилоотӣ, ҳангоми таҳияи барномаҳои нави таълимӣ барои ихтисосҳои рӯзноманигорӣ ва рӯзноманигории байналхалқӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқро рӯзноманигорон, хусусан, рӯзноманигорони радио ва телевизион дар таҷриба ва амалияи ҳамарӯза метавонанд истифода баранд. Маводди диссертатсия барои омӯзишу таҳқиқи расонаҳои байналмилалӣ, омилҳои таъсис, мақсаду вазифаҳои фаъолият, нақш ва таъсири расонаҳои хориҷӣ ба афкори ҷомеа ва масъалаҳои мубрами назарию амалии расонаҳои байналмилалӣ мусоидат карда метавонад.

**Ғояи** диссертатсия дар асоси омӯзиш ва истифодаи афкори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, И. Усмонов, М. Имомзода, М. Муродӣ, М. Муқимов, Ҷ. Саъдуллоев, А. Азимов, Ш. Муллоев, З. Муъминҷонов, З. Сайидзода, С. Хоҷазод, Б. Ҳошимзода, В.В. Ворошилов, Э.П. Прохоров ва дар заминаи таҳлилу баррасии барномаҳои расонаҳои байналмилалӣ (дар мисоли фаъолияти ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон») **асоснок карда шудааст.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи журналистикаи ватанию хориҷӣ истифода шудааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз мушаххас будани мавзуъ, дақиқии маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби усулҳои таҳқиқ бармеоянд. Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар асоси таҳлили илмию назарӣ пешниҳод шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати 8 сол ба ҷамъовариву таҳлили маводди илмӣ, омӯзиши осори назарӣ, таснифу таҳлили маводди гирдовардашуда ва таълифи кори илмӣ машғул гардида, дар ин самт мақолаҳо таълиф намуда, дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ суханронӣ кардааст. Диссертант дар ҷараёни таҳқиқ, таълифи мақолаҳои илмӣ ва диссертатсия мустақилият дошта, зимни баррасии масоили меҳварии бобу фаслҳои кори таҳқиқӣ аз роҳбари илмӣ машваратҳо гирифтааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 16-уми апрели соли 2026 дар бораи сазовор донистани Анҷум Маҳмуд Аҳмад ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ иштирок доштанд.

Аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳо филологӣ, профессор Ҳошимзода Б.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Зоириён Б.Ш.

16.04.2026